Замимаи 1

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 апрели соли 2021, №113

# Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 (минбаъд-Барнома) бо мақсади дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии истеъдодҳо таҳия гардидааст.

2. Таълиму тарбияи насли ҷавони боистеъдод яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Имрӯз илмҳои дақиқ, тафаккури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омили пешбарандаи иқтисодиёт ва ояндаи ҷомеа табдил ёфтааст. Ҷомеа ба ҷавононе ниёз дорад, ки дорои тафаккури пешрафта ва қобилияти фаъолияти босамар намуданро дар замони муосир дошта бошанд.

3. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шуда, ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор мегардад, ки ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида мешаванд.

4. Пешрафти давлат аз захираҳои зеҳнӣ ва рушди тафаккури сокинони кишвар сахт вобастагӣ дорад. Асоси рушди тафаккур, аз ҷумла тафаккури дақиқи кӯдакро синну соли мактабӣ ташкил

медиҳад, ки маҳз дар ҳамин давра тафаккури кӯдак ва қобилиятҳои эҷодии ӯ ташаккул меёбанд.

5. Таҳлили вазъ ва натиҷаҳои бадастомада дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян менамоянд, ки дар баробари таваҷҷуҳи рӯзмарра ва ҳамаҷониба ба насли ҷавон, масъалаҳои муҳимме ба миён меоянд, ки вобаста ба рушди муассисаҳои таълимӣ ва зиёд гардидани талабот ба муассисаҳои махсусгардонидашуда барои хонандагони боистеъдод муносибати муосири кор бо хонандагони боистеъдодро тақозо менамояд.

6. Вазифаҳои Барномаро инҳо ташкил медиҳанд:

- ташаккул ва мукаммал гардонидани механизмҳои иқтисодӣ ва ташкиливу идоравӣ барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо;

- таҳияи механизми самарабахши муайян намудани хонандагони боистеъдод ва мусоидат дар инкишофи зеҳнии онҳо;

- васеъ намудани шабакаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути зиёд намудани иқтидори фарогирии хонандагони боистеъдод;

- муҳайё намудани шароити муосири таълимию тадқиқотӣ барои хонандагони боистеъдод;

- таҳияи стандарт, нақша, барномаҳои фанҳои амиқи таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо;

- таҳияи китобҳои дарсии дорои мундариҷаи мураккаб ва маводи иловагии таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо;

- таҳияи барномаҳои таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ва маҳфилҳои фаннӣ;

- таҳияи барномаҳои махсуси таълимии инфиродӣ барои хонандагони боистеъдод;

- таҳияи барномаҳои намунавии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;

- таҳияи барномаҳои махсус барои дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;

- ташаккул ва мукаммал гардонидани заминаи илмӣ ва методии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ;

- муносибати инфиродии таълим, муттасилӣ ва пайдарпайӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- ташкили марказҳои илмию амалии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар назди муассисаҳои таълимӣ;

- таҳияи низоми ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод ва омӯзгорони онҳо;

- тақвият бахшидани фаъолият дар самти дарёфт, рушд ва ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод;

- ташкили заминаҳои мусоиди моддию техникӣ ва илмӣметодӣ барои иштироки хонандагони боистеъдод дар олимпиадаҳои байналмилалӣ;

- ташкили самарабахши истироҳати таълимии хонандагони боистеъдод дар давраи таътил ва ба низоми таҳсилоти иловагӣ ворид намудани истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии кӯдакону наврасон;

- ташкили низоми омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ва мусоидат дар раванди касбинтихобкунии онҳо;

- ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути таъсиси паркҳои технологӣ;

- тақвияти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод дар самти тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ва мусоидат дар касбинтихобкунии хонандагон;

- ташаккул ва мукаммал гардонидани барномаҳои озмунҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва варзишӣ;

- ба роҳ мондани робитаҳои байниидоравӣ ва шабакавӣ;

- гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва таҳияи барномаҳои педагогӣ ва психологӣ барои дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод;

- ташаккули низоми бозомузӣ ва такмили ихтисоси омӯзгороне, ки бо хонандагон кор мекунанд;

- истифодаи таҷрибаи кадрҳои баландихтисоси муассисаҳои таълимии пешқадам, паҳн намудани усулҳои фаъол ва пешрафтаи таълим;

- дастгирии омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд ва дар амалишавии қобилиятҳои эҷодии онҳо саҳм доранд;

- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгороне, ки дар самти кор бо хонандагони боистеъдод дастовардҳои назаррас доранд;

- таъмин намудани шароит барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти хонандагони боистеъдод, таҳсилоти босифат, муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тавассути иштирок ва ғолибияти хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, кашфиётҳои нави илмӣ;

- такмили фаъолияти равоншиносони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод дар самти омӯзиши хусусиятҳои хоси кӯдакони боистеъдод.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ДАР САМТИ КОР БО ХОНАНДАГОНИ БОИСТЕЪДОД

7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт ва рушди истеъдодҳо ҳамчун самти афзалиятноки соҳаи маориф эътироф шудааст. Бо мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 қабул гардида буд, ки барномаи мазкур дар самти ташаккули ҳаракати олимпӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо нақши муҳим гузошт. Дар асоси қарори мазкур бо қарорҳои раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 72 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис дода шуд. Бо таъсис ёфтани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо барои хонандагони боистеъдод шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ муҳайё гардида, ҳамзамон барои дарёфти хонандагони боистеъдод ва омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ корҳои назаррасе ба сомон расонида шуд.

8. Бо муҳайё гардидани шароити мусоиди таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод дастовардҳои хонандагон дар олимпидаҳои байналмилалӣ ба маротиб афзуд. Агар хонандагони кишвар дар соли 2011 дар озмун ва мусобиқаҳо 96 ҷоиза гирифта бошанд, пас дар соли 2016 шумораи ҷоизаҳо ба 133 адад афзуд. Дар доираи татбиқ гардидани барномаи мазкур соли 2019 хонандагони

кишвар дар 31 олимпиадаи байналмилалӣ, ки дар давлатҳои Россия, Қазоқистон, Беларус, Тайланд, Малайзия, Руминия, Италия, Ҳиндустон, Латвия, ИМА, Исроил, Маҷористон, Англия, Ӯзбекистон, Фаронса, Африқои Ҷанубӣ, Озарбойҷон ва Кореяи Ҷанубӣ баргузор гардиданд, фаъолона иштирок намуда, сазовори 251 медал, аз ҷумла 67 медали тилло, 66 медали нуқра ва 118 медали биринҷӣ гардиданд.

9. Роҳандозии ҳарчи бештари озмун ва олимпидаҳои фаннӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳаракати олимпӣ такони ҷиддӣ дод. Агар дар соли 2010 дар ҷумҳурӣ танҳо 1 олимпиадаи фаннӣ баргузор шуда, дар он 943 хонанда иштирок намуда бошад, пас дар соли 2016 шумораи олимпиадаҳо ба 4 адад бо иштироки 1164 хонанда расид ва дар соли 2019 бошад, дар 21 олимпиада 2370 хонанда иштирок намуд.

10. Дар рафти татбиқи Барнома теъдоди олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ зиёд гардида, барои зинаҳои 2 ва 3-юми таҳсилот олипиадаҳои фаннӣ ба роҳ монда шуд. Айни замон шумораи умумии олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ 24 ададро ташкил менамояд, аз ҷумла:

- олимпиада аз фанни математика ба номи Умари Хайём;

- олимпиада аз фанни технологияи иттилотӣ ба номи Ал-Хоразмӣ;

- олимпиада аз фанни физика (астрономия) ба номи Абурайҳони Берунӣ;

- олимпиада аз фанни химия ба номи Закариёи Розӣ;

- олимпиада аз фанни биология ба номи Абӯалӣ Сино;

- олимпиада аз фанни география ба номи Носири Хусрав;

- олимпиада аз фанни ҳуқуқ ба номи Куруши Кабир;

- олимпиада аз фанни таърих ба номи Бобоҷон Ғафуров;

-олимпиада аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;

- олимпиада аз фанни забони русӣ ба номи Александр Пушкин;

- олимпиада аз фанни забони англисӣ ба номи Уилиям Шекспир;

- олимпиада аз фанни забони давлатӣ;

- олимпиада аз фанни адабиёти рус:

- олимпиада барои наврасон аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 5-6);

- олимпиадаи барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 5-6);

- олимпиада барои наврасон аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 7-8);

-олимпиадаи барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 7-8);

- олимпиадаи даставӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 9-10);

- олимпиадаи даставӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 9-10);

- олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод аз фанҳои табиӣ-риёзӣ;

- олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод аз фанҳои ҷамъиятӣгуманитарӣ;

- олимпиадаи "Spelling Bee";

- олимпиадаи лоиҳавӣ-ихтироъкорӣ "INTEX";

- олимпиада оид ба шоҳмот байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

11. Ҳамасола бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти истеъдодҳо ва инкишофи қобилияти эҷодӣ, дарёфти истеъдодҳои нави соҳаи санъат, баланд бардоштани мақому маҳорати касбӣ, рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ, ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва ихтироъкорӣ гузаронидани озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" ва "Илм фурӯғи маърифат" ба роҳ монда мешаванд.

12. Давра ба давра барои хонандагони боистеъдод муассисаҳои таълимӣ таъсис ёфта, барои онҳо шароити таълимию тарбиявӣ муҳайё мегардад. Агар дар ҷумҳурӣ то соли 2010 як мактаби президентӣ фаъолият менамуд, айни замон 9 мактаби президентӣ, 7 литсей ва гимназия барои хонандагони боистеъдоди мақоми ҷумҳуриявидошта, инчунин 75 гимназия бо фарогирии 53308 хонанда ва 71 литсей бо фарогирии 89190 хонанда фаъолият менамоянд. Мактабҳои президентӣ, гимназия ва литсейҳо дарёфт ва

рушди хонандагони боистеъдодро таъмин намуда, барои рушди хонандагони боистеъдод корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд.

13. Муассисаҳои мазкур дар ҳаракати олимпӣ нишондиҳандаҳои хуб дошта, хонандагони ин муассисаҳои таълимӣ дар соли 2019 дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ - 37,9 фоиз ва байналмилалӣ - 60,1 фоиз ҷойҳои ифтихориро ба даст овардаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди моликияти зеҳнӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти истеъдодҳои нав, тарбияи кадрҳои боистеъдод корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Татбиқи босамари "Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020" дар ташаккул ва мукаммал гардонидани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф, механизмҳои иқтисодӣ ва ташкиливу идоравӣ дар самти дарёфт ва ташаккули малакаҳои хонандагони боистеъдод нақши муҳим гузошт.

14. Яке аз вазифаи афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф таъсиси низоми муассири таҳсилот, муҳайё намудани шароит барои таълиму тарбия, дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод мебошад. Иқтисодиёти муосир ба мут ахассисоне, ки дониши амиқ ва қобилияти навоварӣ доранд, ҳарчи бештар эҳтиёҷ дорад. Барои ҳалли масъалаҳои мазкур ва барои дарёфти истеъдодҳое, ки дорои қобилияти фавқулодда мебошанд, зарурати ташаккули фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба миён меояд.

15. Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда, мушкилот дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба таври зарурӣ ҳал нагардидааст. Ин ҳам бошад, ба таври кофӣ мавҷуд набудани дастурҳои методӣ, адабиёти илмии кор бо хонандагони боистеъдод, мавҷуд набудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки барои рушди қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод ва гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ монеа эҷод мекунад.

16. Бояд зикр кард, ки ғолибияти хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ аз гузаронидани корҳои амалӣ ва озмоишгоҳӣ аз фанҳои экология, география, технологияи иттилоотӣ, физика, химия, биология вобастагии калон дорад. Аммо мавҷуд набудани озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири фаннӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои амалигардонии қобилиятҳои эҷодии хонандагони боистеъдод ва омодагии онҳо ҷиҳати иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ мушкилӣ эҷод менамояд.

17. Дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ назаррас аст, аммо барои ба даст овардани дастовардҳои бештар ҳанӯз монеаҳо мавҷуд мебошанд. Хонандагони кишвар дар олимпиадаҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ натиҷаҳои баланд нишон дода, баробари хонандагони давлатҳои мутараққӣ дар руйхати иштирокчиёни олимпиада қарор мегиранд, аммо дар қисмати иҷрои корҳои амалӣ аз сабаби надоштани таҷрибаи кофии корҳои озмоишгоҳӣ мавқеашонро аз даст медиҳанд. Дар ин замина таъмини озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири таълимӣ, илмию тадқиқотӣ ва ба роҳ мондани корҳои таҷрибавӣ-амалӣ (лабораторӣ) яке аз масъалаҳои муҳим дар самти кор бо хонандагони боистеъдод мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар оянда дар навбати аввал диққати ҷиддӣ ба харидории озмоишгоҳҳои муосири таълимӣ равона карда шавад.

18. Заминаи моддӣ-техникии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар сатҳи зарурӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯй набуда, таъминоти онҳо бо воситаҳои муосири техникии таълим ба таври кофӣ ба роҳ монда нашуда, асбобҳои аёнии таълимӣ ба миқдори зарурӣ дастрас нестанд.

19. Дарёфт ва ошкор намудани истеъдоди кӯдакон маҳз аз зинаи таҳсилоти томактабӣ оғоз ёфта, ин зинаи таҳсилот барои ташаккули минбаъдаи онҳо заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти томактабиро зарур аст, ки дар раванди таълим ва тарбияи томактабӣ ба масъалаҳои дарёфти кӯдакони боистеъдод ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

20. Айни замон, барои муассисаҳои томактабӣ дастурҳои илмӣ - методӣ, маводи аёнии таълимӣ, нақша ва барномаҳои махсуси таълимиву тарбиявӣ, механизмҳои самарабахши ошкор намудани истеъдоди кӯдакон ба таври мукаммал таҳия нашудааст. Дар баробари ин, зарур аст, ки дар муассисаҳои томактабӣ кӯдакони қобилияти махсусдошта ба гурӯҳҳои алоҳидаи лаёқатмандӣ ҷудо гардида, кор бо онҳо аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимии алоҳидаи дорои мундариҷаи мураккабдошта ба роҳ монда шавад.

21. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда барои хонандагони боистеъдод, аз ҷумла литсей ва гимназияҳо мавҷуд набуда, ё ба таври нокифоя фаъолият менамоянд. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ бояд муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод, аз ҷумла литсей ва гимназияҳоро таъсис диҳанд. Ҳамчунин, пеш аз ҳама зарур аст, ки тартиби қабули хонандагон ба литсей, гимназия ва мактабҳои президентӣ бо дар назар доштани қобилият ва истеъдодҳои хонандагон (қабули хонандагон тавассути озмун барои дарёфти хонандаи боистеъдод) такмил дода шавад.

22. Мавҷуд набудани нақша, барномаҳои таълимии дахлдор, китобҳои дарсии дорои мундариҷаи мураккаб барои хонандагони боистеъдод ва дастурҳои методию маводи дидактикӣ норасоии ҷиддӣ дар им самт ба шумор меравад. Мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо фаъолияти худро аз рӯи нақша, барнома ва китобҳои дарсии барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омодагардида, ба роҳ мондаанд. Барои ин муассисаҳои таълимӣ зарур аст, ки нақша, барномаҳои таълимӣ ва адабиёти дарсии дорои мундариҷаи баланди илмию методии ҷавобгӯй ба талаботи донишандӯзии хонандагони боистеъдод таҳия гардад. Барои ташаккули тафаккури дақиқ ва хулосабарориҳои мантиқӣ зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ аз фанни мантиқ омода гардад. Таъмини ин муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони дорои малакаи баланди касбӣ, хусусан дар синфҳои таълимашон ба забони русӣ ва англисӣ яке аз муҳимтарин мушкилоти соҳа маҳсуб мегардад.

## 3. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ АЗ ТАТБИҚИ БАРНОМА

23. Дар натиҷаи татбиқи Барнома дар низоми маорифи ҷумҳурӣ дар самти кор бо хонандагони боистеъдод заминаи ҳуқуқӣ, илмиву методӣ ва шароитҳои мусоид барои рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда мешаванд, аз ҷумла:

- заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва илмию методӣ барои кор бо кӯдакони боистеъдод таҳия карда мешавад;

- барномаҳои таълимию методии таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони боистеъдод таҳия мегардад;

- барнома ва воситаҳои таълимӣ барои дарёфт ва рушди кӯдакони боистеъдод таъмин гардида, ҳамчунин чорабиниҳо дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда мешавад;

- фарогирии кӯдакони боистеъдод ба таҳсилоти томактабӣ дар ҷумҳурӣ афзоиш меёбад;

- заминаи моддию техникии муассисаҳои томактабӣ таъмин карда мешавад;

- кӯдакони боистеъдод ба гурӯҳҳои махсуси лаёқатмандӣ ҷалб шуда, барои ин кӯдакон муассисаҳои томактабии равиявӣ таъсис дода мешавад;

- низоми фаъоли идоракунӣ дар соҳаи маориф дар самти дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод пурзӯр гардида, истеъдодҳои нав ташаккул ёфта, ба пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд;

- заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфта, маблағгузории фаъолияти онҳо беҳтар мегардад;

- барои гирифтани таҳсилоти босифат ва рақобатпазир, ки ба натиҷаҳо нигаронида шудааст, шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ фароҳам оварда мешавад;

- низоми таълими муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод таҷдид гардида, стандарт, нақша ва барномаҳои амиқи фаннӣ таҳия ва қабул мегарданд ва сифати дониши хонандагон ба талаботи барномаҳои таълимии байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад;

- китобҳои дарсии мундариҷаи мураккабдошта барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо таҳия ва сифати таълим баланд мегардад, ҳамчунин, барои рушди соҳаи маориф шароит фароҳам оварда мешавад;

- низоми самарабахши арзёбии сифати таҳсилот ташаккул меёбад;

- дар муассисаҳои таълимии барои хонандагони боистеъдод ҳар чоряк ҷиҳати дарёфти хонандагони боистеъдод арзёбии сифати дониш гузаронида мешавад;

- дастгирии омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд ва дар амалишавии қобилиятҳои эҷодии онҳо саҳм доранд, тақвият меёбад;

- дастгирии давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии кормандони педагогии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тақвият меёбад;

- фаъолияти илмию методӣ, инноватсионӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаи маориф вусъат меёбад;

- механизмҳои нави маблағгузории соҳаи маориф таҳия гардида, давра ба давра маблағгузории муассисаҳои таълимии барои хонандагони боистеъдод ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо меафзояд;

- низоми пардохти музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо такмил ёфта, давра ба давра сатҳи он баланд бардошта мешавад;

- низоми дарёфт, рушд ва ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод тақвият меёбад;

- омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо тахассуси худро пайваста такмил медиҳанд ва технологияҳои нави педагогӣ, иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад;

- барои рақобатпазирии хонандагони кишвар дар арсаи байналмилалӣ омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ бо забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монда мешавад;

- синфҳои таълимашон бо забонҳои русӣ ва англисии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод бо омӯзгорони касбӣ таъмин мегарданд;

- истифодаи самараноки технологияи инноватсионии таълимӣ ҷорӣ карда мешавад;

- истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим тавсеа меёбад;

- дар низоми муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолияти инноватсионӣ тавассути таъсиси паркҳои технологӣ ҷоннок мегардад;

- дар муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод утоқҳои методӣ ва равонӣ барои кор бо хонандагони боистеъдод ташкил карда мешавад;

- муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод бо воситаҳои аёнию дидактикӣ таъмин карда мешаванд;

- барои омодагии дастаҷамъонаи хонандагони боистедод ба олимпиадаҳои байналмилалӣ истироҳатгоҳҳои таълимии беруназшаҳрӣ ташкил мегардад;

- робитаи падару модарон бо муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод мустаҳкам гардида, масъулияти падару модарон ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбия ва таълими кӯдакони боистеъдод баланд бардошта мешавад;

- заминаи моддию техникии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъмин гардида, маблағгузории фаъолияти онҳо беҳтар мегардад;

- марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо бинои алоҳидаи дорои заминаи муосири таълимию тадқиқотӣ ва воҳиди корӣ таъмин гардида, фаъолияти онҳо густариш меёбад;

- давра ба давра маблағгузории марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо афзуда, пардохти музди меҳнати омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳо барои таълими амиқи фанҳо зиёд карда мешавад;

- аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустақилияти молиявии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таъмин гардида, озмун ва олимпиадаҳои гуногун ба роҳ монда мешавад;

- марказҳои дарёфт ва рушди истеъдоҳо бо озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири таълимӣ ва кабинетҳои фаннӣ таъмин гардида, бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дастовардҳои хонандагон дар олипиадаҳои байналмилалӣ зиёд мегарданд;

- барои иштироки хонандагони боистеъдод дар олимпиадаҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад;

- ҳамасола ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва омӯзгорони онҳо ҳавасманд гардонида мешаванд ва фарогирии хонандагон дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо афзоиш меёбад;

- шабакаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути зиёд намудани иқтидори фарогирии хонандагони боистеъдод васеъ карда мешавад;

- ҷиҳати иштироки хонандагони боистеъдод дар олимпиадаҳои байналмилалӣ заминаҳои моддӣ- техникӣ ва илмӣ-методии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таҳким бахшида мешавад.

## 4. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

24. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории Барнома маблағҳои ҳамасола аз буҷети давлатӣ барои рушди соҳа ҷудошуда, сармоягузориҳои соҳибкорони ватанӣ ва грантҳои фондҳои байналмилалӣ, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

25. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҳамасола дар доираи маблағҳои барои соҳаи маориф пешбинигардида ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузории Барномаи мазкурро ба нақша мегиранд.

## 5. АМАЛИШАВИИ БАРНОМА

1) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- амалишавии Барномаро таъмин менамояд;

- фаъолияти вазорату идораҳои дахлдорро оид ба чораёни амалишавии Барнома ҳамоҳанг месозад;

- дар доираи ваколатҳои худ барои амалишавии Барнома санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия менамояд;

- ҳар сол тибқи тартиби муқарраргардида оид ба дақиқ намудани амал ва чорабиниҳои минбаъда дар доираи Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ ҷиҳати маблағгузории самтҳои афзалиятнок таклифҳо пешниҳод менамояд.

2) вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- иҷрои талаботи Барномаро таъмин менамоянд;

- ҳамасола барои иҷрои чорабиниҳои амалигардонии Барнома ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузориро ба нақша мегиранд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 апрели соли 2021, №113

# Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025

| | Чорабиниҳо | Мухлати иҷро (солҳо) | Масъулин | Маблағгузорӣ (бо сомонӣ) | | | | Натиҷаҳои чашмдошт аз татбиқи Барнома (индикаторҳо) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Маблағҳои буҷетӣ | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | Сармоягузорӣ (хориҷӣ) | Ҳамагӣ | |
| 1.ТАШАККУЛ ВА МУКАММАЛ ГАРДОНИДАНИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ, МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАШКИЛИВУ ИДОРАВӢ ДАР САМТИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО | | | | | | | | |
| 1. | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод | 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид шуда, низоми кор бо хонандагони боистеъдод такмил ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва педагогӣ самаранок ба роҳ монда мешавад |
| 2. | Ҳамасола ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба нақша гирифтани маблағгузорӣ барои иҷрои Барнома | 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ | | | | Иҷрои талаботи Барнома дар мухлати муқарраргардида таъмин гардида, масъалаҳои марбут ба хонандагони боистеъдод дар давраи амалигардии Барнома ҳалли худро пайдо менамоянд |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Қабули Барномаи мақсадноки маҳаллии дарёфт ва рушди истеъдодҳо | 2021 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | | | | Барои ҳалли масъалаҳо дар самти кор бо хонандагони боистеъдод 72 Барномаи мақсадноки маҳаллии дарёфт ва рушди истеъдодҳо қабул ва маблағгузорӣ шуда, истифодабарии самараноки маблағҳои буҷетӣ баланд мегардад |
| 4. | Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани имтиёзҳо барои дастгирии хонанандагони боистеъдоде, ки дастовардҳои илмӣ ва олимпӣ доранд | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ . . | 15000 | 20000 | | 35000 | Тартиби баргузории озмун ва олимпиадаҳои фаннии хонандагон таҳия ва қабул гардида, барои ғолибони олимпиадаҳо имтиёз муқаррар карда мешавад |
| 5. | Васеъ намудани шабакаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод тавассути зиёд намудани иқтидори фарогирии хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100000 | 250000 | | 350000 | Дар давраи татбиқи Барнома мактабҳои президентӣ, гимназияҳо, литсей барои хонандагони болаёқат ва марказҳои илмӣ-амалии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ташкил шуда, фарогирии хонандагони боистеъдод зиёд мегардад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Таъсиси муассисаҳои давлатии таълимии мактабҳои президентӣ дар минтақаи Зарафшон, Рашт, қисмати шимолии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Роғун, Файзобод, Ваҳдат), қисмати ҷанубии гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 2021-2025 | Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда | 4 мактаби президентӣ дорои шароити мусоиди таълимӣ муҷаҳҳаз бо техника ва технологияи муосир таъсис ёфта, хонандагони боистеъдоди шаҳру ноҳияҳо ба он фаро гирифта мешаванд |
| 7. | Ташкили муассисаҳои таҳсилоти томактабии равиявӣ барои кӯдакони боистеъдод | 2021-2025 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Кӯдакон ба муассисаи томактабӣ аз руйи махсусиятҳои лаёқатмандӣ қабул гардида, барои худмуайнкунӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии онҳо омӯзиши амиқи барномаҳои томактабӣ ба роҳ монда мешавад |
| 8. | Таъсиси мактабҳои тамоюли физикӣ-математикӣ барои хонандагони боистеъдод дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2021-2025 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Дар шаҳру ноҳияҳо 68 мактаби тамоюли физикӣ- математикӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои табиӣ- риёзӣ барои хонандагоне, ки қобилиятҳои махсус доранд, ташкил шуда, таҳсил аз рӯйи барномаҳои мазмуни мураккабдоштаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9. | Таъсиси литсей ва гимназияҳо барои хонандагони боистеъдод дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2021-2025 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Дар шаҳру ноҳияҳо 20 гимназия (омӯзиши амиқи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ) ва литсейҳо (омӯзиши амиқи фанҳои табиӣ-риёзӣ) ташкил гардида, фарогирии хонандагони боистеъдод афзоиш меёбад |
| 10. | Таъсиси литсей ва гимназияҳо барои хонандагони боистеъдод дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ литсей ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқат таъсис ёфта, аз неруи илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда мешавад |
| 11. | Ташкили марказҳои илмӣ-амалии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар назди муассисаҳои таълимӣ бо воҳидҳои кории алоҳида | 2021-2022 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ | Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3000 марказҳои илмӣ-амалии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил шуда, системаи кор бо хонандагони боистеъдод аз зинаи аввали мактабӣ ба роҳ монда шуда, шавқу ҳавас, малака ва қобилияти хонандагон аз синни хурди мактабӣ ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ равона карда мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Таъмини марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо бинои алоҳидаи дорои шароити муосири таълимию тадқиқотӣ | 2021-2024 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 72 марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо бинои алоҳидаи дорои заминаҳои моддӣ-техникӣ таъмин гардида, шароити мусоиди таълимию методӣ барои гирифтани машғулиятҳои иловагӣ муҳайё мегардад ва фарогирии хонандагони боистеъдод зиёд мегардад |
| 13. | Таъмини марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо воҳидҳои корӣ барои кормандон, роҳбарони маҳфил ва омӯзгорон | 2021-2023 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Мутахассиони ботаҷриба ва омӯзгорони дорои малакаи баланди касбӣ ҷалб гашта, тавассути машғулиятҳои иловагии инфиродӣ қобилиятҳои хонандагони боистеъдод бештар кашф мегардад ва ба онҳо ёрии педагогӣ-психологӣ расонида мешавад |
| 14. | Таъмини мустақилияти молиявии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2021-2023 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба мустақилияти молиявӣ таъмин мегарданд ва иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ меафзояд |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15. | Таъмини марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, муассисаҳои таълимӣ бо озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ, кабинетҳои фаннӣ ва синфхонаҳои компютерӣ | 2021-2024 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 400000 | 200000 | 300000 | 900000 | Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ бо озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази муосири таълимӣ, кабинетҳои фаннӣ таъмин гардида, бо гирифтани таҷрибаҳои амалӣ ғолибияти хонандагон дар сабқатҳои илмии байналмилалӣ зиёд мегардад |
| 16. | Таъмини марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннии дорои таҷҳизоти муосири таълимӣ, аз ҷумла видеопроэктор, тахтаҳои электронӣ ва компютер | | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ | | | | Шароити мусоиди таълимӣ ташкил гардида, бо истифода аз технологияи навини таълимӣ ва гузаронидани корҳои амалӣ донишҳои амалии хонандагон ташаккул ёфта, ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ зиёд мегардад |
| 17. | Таҳияи Низомномаи баргузории олимпиадаҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2021 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | Заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ омода гардида, низоми баргузории олимпиадаҳои байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ такомул меёбад |
| 18. | Таҳияи “Тартиби қабули хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод” | 2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | «Тартиби қабули хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод» таҳия ва тасдиқ мегардад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 19. | Коркарди низоми ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод ва омӯзгорони онҳо | 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардида, заминаи ҳуқуқӣ барои дастгирии хонандагони боистеъдод ва омӯзгорони онҳо муҳайё мегардад |
| 20. | Ҳамасола ҳавасманд гардонидани ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 300000 | 450000 | -- | 750000 | Хонандагони боистеъдод барои фаъолияти илмӣ-эҷодӣ, тадқиқотӣ ва ихтироъкорӣ ҳавасманд гардонида шуда, иштироки онҳо дар сабқатҳои илмӣ зиёд гардида, захираҳои илмии кишвар меафзояд |
| 21. | Ҳавасмандгардони и омӯзгороне, ки шогирдонашон дар сабқатҳои илмӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 400000 | 100000 | 300000 | 800000 | Ҷалби омӯзгорони ботаҷриба ва маҳорати баланди касбидошта ба муассисаҳои таълимӣ зиёд гашта, дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод афзун мегардад |
| 22. | Давра ба давра зиёд кардани маблағгузории марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Баргузории олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зиёд гардида, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо меафзояд ва ҳаракати олимпӣ густариш меёбад |
| 23. | Дар низоми муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионӣ тавассути таъсиси паркҳои технологӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ | | | | Паркҳои технологӣ таъсис дода шуда, фаъолияти онҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии хонандагони боистеъдод ва ҷалби онҳо барои ҳамгироии илму истеҳсолот ва муттаҳид сохтани неруи зеҳнӣ ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 24. | Ташкили шароити мусоид барои амалигардонии фаъолиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 450000 | 100000 | | 550000 | Заминаҳои моддӣ-техникӣ, илмӣ-методӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ таъмин гардида, хонандагони боистеъдод имкон пайдо менамоянд, ки донишҳои назариявии худро дар амалия татбиқ намоянд |
| 25. | Таъмини марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо заминаҳои моддӣ-техникӣ ва илмӣ-методӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 200000 | 250000 | 150000 | 600000 | Заминаҳои моддӣ-техникӣ ва илмӣ-методии 72 марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таҳким ёфта, иштирок ва ғолибияти хонандагон дар сабқатҳои илмии байналмилалӣ зиёд мегардад |
| **2. МУКАММАЛ ГАРДОНДАНИ ЗАМИНАИ ИЛМӢ ВА МЕТОДИИ МАРКАЗҲОИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ** | | | | | | | | |
| 26. | Гузаронидани тадқиқоти илмӣ-амалӣ ва таҳияи барномаҳои педагогӣ ва психологӣ барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Татқиқоти илмӣ-амалӣ оид ба муайян намудани қобилиятҳои махсуси хонандагони боистеъдод аз ҷониби мутахассисони муассисаҳои илмӣ гузаронида шуда, барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо барномаҳои педагогӣ ва психологӣ таҳия мегардад |
| 27. | Гузаронидани корҳои бунёдӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши лаёқатмандии кӯдакон бо дар назар доштани дифои рисолаҳои илмӣ дар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии дохил ва хориҷи кишвар | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | | Мавзӯъҳои актуалии илмӣ-тадқиқотӣ муайян гардида, корҳои бунёдӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида мешавад ва дар самти кор бо хонандагони боистеъдод адабиёти илмӣ- методӣ, психологӣ зиёд мегардад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 28. | Коркарди меъёрҳо барои муайян намудани қобилияти истеъдодҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ | 2021-2023 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Дар заминаи тадқиқотҳои илмӣ дастур ва маводи илмӣ-методӣ, психологӣ барои муайян намудани қобилиятҳои махсуси истеъдодҳо омода гардида, муайян намудани кӯдакони боистеъдод аз даврахои аввали рушд ба роҳ монда мешавад |
| 29. | Таҳияи барномаҳои мазмуни мураккабдоштаи таълимӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ барои хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мазмуни барномаҳо аз фанҳои табиӣ-риёзӣ дар самти мураккабии мисол ва масъалаҳо таҳия шуда, барои рушди тафаккури дақиқ, таҳлилӣ, мантиқии хонандагони боистеъдод кӯмак менамояд, корҳои илмӣ –тадқиқотӣ ва дастовардҳои илмии хонандагон зиёд мегардад |
| 30. | Таҳияи стандарт, нақша, барномаҳои мазмуни мураккабдоштаи таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо | 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Стандарт, нақша, барномаҳои мураккаби таълимӣ таҳия гардида, мазмуни таҳсилот ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ мегардад ва дастовардҳои хонандагони боистеъдод дар сабқатҳои илмии байналмилалӣ баланд мегардад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 31. | Таҳияи китобҳои дарсии мазмуни мураккабдошта аз ҳамаи фанҳои таълимӣ барои хонандагони мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо, аз ҷумла бо забони русӣ ва англисӣ | 2022-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Шароит барои дастрасӣ ба мазмуни амиқи ҳамаи фанҳои таълимӣ муҳайё гардида, талаботи таълимии хонандагони боистеъдод қонеъ гардонида шуда, неруи илмии кишвар афзун мегардад |
| 32. | Таҳияи маводҳои иловагии таълимӣ барои омӯзгорон ва хонандагони боистеъдод | 2023-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои омӯзгорон ва хонандагони боистеъдод дастурҳои таълимию методӣ аз 13 фанни таълимӣ аз қабили хрестоматия, роҳнамо ба китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмӣ-методӣ таҳия ва чоп гардида, дастрасӣ ба маводи иловагии таълимӣ муҳайё мегардад |
| 33. | Таҳияи барномаҳои таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ва маҳфилҳои фаннӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барномаҳои таълимии иловагӣ вобаста ба талаботи таълимии хонандагони боистеъдод таҳия шуда, татбиқи он барои худмуайнкунӣ ва рушди қобилият, малака ва неруи илмӣ-эҷодии истеъдодҳо равона карда мешавад |
| 34. | Таҳияи барномаҳои махсус барои таълими инфиродӣ бо дар назар доштани қобилиятҳои махсуси хонандагони боистеъдод | | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои хонандагоне, ки қобилиятҳои махсуси лаёқатмандӣ доранд, барномаҳои таълимии инфиродӣ таҳия ва қабул гардида, тавассути машғулиятҳои иловагии инфиродӣ қобилият, неруи эҷодии хонандагони боистеъдод бештар кашф ва рушд дода мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 35. | Таҳияи китобҳои маҷмӯи мисолу масъала ва супоришҳои олимпӣ аз ҳамаи фанҳои таълимӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 150000 | 200000 | 350000 | 700000 | Бо ҷалби омӯзгорони маҳорати баланди касбӣ маҷмӯи мисолу масъала ва супоришҳои олимпӣ аз 13 фанни таълимӣ таҳия гардида, барои омодагии хонандагон ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳамчун маводи иловагии таълимӣ кӯмак мерасонад |
| 36. | Мунтазам ғанӣ гардонидани фонди китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 160000 | 100000 | 150000 | 410000 | Китобхонаҳои муассиса-ҳои таълимӣ бо адабиёти таълимӣ, бадеӣ, илмию методӣ, дастурҳои таълимӣ, китобҳои маҷмӯи мисолу масъала ва супоришҳои олимпӣ пурра гардида, барои қонеъ гардонидани талаботи таълимии хонандагони боистеъдод ва рушди тафаккури онҳо кӯмак менамояд |
| 37. | Таъсиси Шӯрои миллии рушд ва дастгирии кӯдакон ва ҷавонони боистеъдод | 2022-2023 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Шӯрои миллии рушд ва дастгирии кӯдакон ва ҷавонони боистеъдод ташкил гардида, низоми муназзами мақсадноки кор бо истеъдодҳои ҷавон ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 38. | Таъсиси маҷаллаи илмӣ-методии “Истеъдод” | 2022-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маҷаллаи илмӣ-методии “Истеъдод” ба чоп расида, дар он мақолаҳои илмӣ-методӣ, психологӣ дар бораи хусусиятҳои хоси хонандагони боистеъдод, усулҳои кор бо онҳо ва маълумот дар бораи ихтироъкорӣ, навоварӣ, дастовардҳои олимпии хонандагон пайваста ба нашр расонида мешавад |
| **3.МУКАММАЛ НАМУДАНИ НИЗОМИ ОМОДАГИИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ ВА РОҲБАРИКУНАНДА** | | | | | |
| 39. | Таҳияи барномаҳои махсус ҷиҳати баргузории курсу семинарҳо барои омӯзгорон, роҳбарони маҳфилҳо ва кадрҳои роҳбарикунандаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дар асоси барномаҳои махсус ҷиҳати дарёфт, рушд ва кор бо хонандагони боистеъдод курсу семинарҳо барои омӯзгорон, роҳбарони маҳфилҳо ва кадрҳои роҳбарикунандаи марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо баргузор карда мешавад |
| 40. | Баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва гузаронидани арзёбии сифати дониши хонандагон | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Арзёбии сифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод дар як сол 4 маротиба гузаронида шуда, барои баланд гардидани сифати таълим муносибати баланди касбии омӯзгорон бо хонандагони боистеъдод ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 41. | Такмили ихтисоси касбии омӯзгороне, ки бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд, татбиқи технологияи инноватсионӣ ва методҳои муосири таълим | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 150000 | 200000 | 180000 | 530000 | 1000 нафар омӯзгороне, ки бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд, аз такмили ихтисос гузаронида шуда, онҳо бо методҳои муосири таълимӣ ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим шинос мешаванд |
| 42. | Таҳия ва татбиқи чораҳои мақсадноки дастгирии молиявӣ ва иҷтимоии омӯзгороне, ки дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дарс мегӯянд ва пешгирӣ кардани ҳолатҳои аз кор рафтани ин омӯзгорон | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100000 | 250000 | 200000 | 550000 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимӣ омӯзгоронеро, ки дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дарс мегӯянд, аз ҷиҳати молиявӣ ва иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд ва ҳолатҳои аз кор рафтани ин омӯзгорон аз байн бурда мешавад |
| 43. | Дар хориҷи кишвар ба роҳ мондани такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгороне, ки дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дарс мегӯянд | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 200000 | 240000 | 150000 | 590000 | Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгороне, ки дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дарс мегӯянд, дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуда, сифати таълим баланд мегардад |
| 44. | Омода кардани мутахассисони баландихтисос барои синфҳои таълимашон ба забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 600000 | 400000 | 800000 | 1800000 | Кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ барои синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ кишвар омода карда шуда, норасоии кадрӣ аз байн бурда мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 45. | Дар заминаи муассисаҳои таълимии такягоҳие, ки хонандагонашон пайваста дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолибият ба даст меоранд, ба роҳ мондани такмили ихтисоси омӯзгороне, ки бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100000 | 180000 | 100000 | 380000 | Дар заминаи муассисаҳои таълимии такягоҳӣ бо истифодаи нерӯи кадрӣ ва пояи моддӣ-техникӣ 500 нафар омӯзгороне, ки бо хонандагони боистеъдод кор мекунанд курси такмили ихтисос ва табодули таҷриба ба роҳ монда мешавад |
| 46. | Ба роҳ мондани такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва табодули таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва мутахассисони ҳаракати олимпӣ дар хориҷи кишвар | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 500000 | 750000 | 240000 | 1490000 | 100 нафар омӯзгорон ва мутахассисони ҳаракати олимпӣ барои такмили ихтисос, бозомузӣ, ва табодули таҷриба ба хориҷи кишвар сафарбар шуда, маҳорати касбӣ ва педагогии онҳо дар самти кор бо хонандагони боистеъдод рушд дода мешавад |
| 47. | Омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва табодули таҷриба дар хориҷӣ кишвар дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкили сафарҳои омӯзишӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 70000 | 120000 | 80000 | 270000 | Барои кормандони 72 марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо сафарҳои омӯзишӣ ва табодули таҷриба дар самти кор бо хонандагони боистеъдод дар хориҷи кишвар ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 48. | Паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгороне, ки шогирдонашон дар сабқатҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолиб омадаанд | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | Таҷрибаи пешқадами омӯзгорон дар самти ҳаракати олимпӣ ва методҳои фаъоли кор бо хонандагони боистеъдод ба воситаи семинар, курсҳои омӯзишӣ ва фитаҳои таълимӣ паҳн гардида, ҳамкорӣ ва табодули таҷриба байни омӯзгорон ба роҳ монда мешавад |
| 49. | Баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Ҷалби омӯзгороне, ки таҷрибаи кор бо кӯдакони боистеъдодро доранд ва дар ин самт аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштаанд ба муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод зиёд мегардад |
| 50. | Таҳияи «Барномаи давлатии дастгирии хонандагони боистеъдод ва ҳавасмандгардонии ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ»<br>. | 2022-2024 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 30000 | 30000 | 20000 | 80000 | Заминаи ҳуқуқӣ ва шакли дастгирии ғолибони олипиадаҳои фаннӣ, лоиҳавӣ ва илмӣ-ихтироъкорӣ таҳия ва тасдиқ гардида, низоми ҳавасмандгардонии хонандагони боистеъдод ташаккул меёбад |
| 51. | Таъмини механизми ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии омӯзгорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, муайян намудани иловапулиҳо ба музди меҳнати онҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ | | | | Дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ музди меҳнати омӯзгорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки аз рӯйи барномаҳои таълимии мазмуни мураккабдошта ба хонандагони боистеъдод дарс мегӯянд, зиёд гашта, натиҷаҳои таълимӣ баланд мегардад |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 52. | Коркарди механизми ҷалби ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба соҳаи илму маориф пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | 30000 | 40000 | 45000 | 115000 | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, барои таъмин намудани ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ ба ҷойи кор афзалият дода шуда, ба хориҷи кишвар рафтани онҳо пешгирӣ карда мешавад ва бо истифода аз неруи зеҳнии онҳо корҳои илмию тадкиқотӣ дар кишвар зиёд мегардад |
| 53. | Таъсиси воҳиди кории муовини директор оид ба ҳаракати олимпӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 2021-2022 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ | | | | Воҳиди кории муовини директор оид ба ҳаракати олимпӣ дар муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуда, низоми дарёфт ва рушди истеъдодҳо аз синнусоли хурди мактабӣ ба роҳ монда мешавад |
| 54. | Аз аттестатсияи марҳилавӣ гузаронидани кормандони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, омӯзгорони мактабҳои президентӣ, гимназия ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | | | Сатҳи касбии кормандон ва омӯзгорон такмил ёфта, сифати таълим баланд мегардад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 55. | Вусъат додани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ дар самти кор бо хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | | Бо истифодаи неруи илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ талаботи таълимии хонандагони боистеъдод қонеъ гардонида шуда, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо маводи илмию методӣ ва равонӣ дар самти кор бо хонандагони боистеъод таъмин мегарданд |
| 56. | Ба роҳ мондани фаъолияти равоншиносони касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ҷиҳати омӯзиш ва муносибат бо хонандагони боистеъдод | 2021-2024 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | 100000 | 180000 | 100000 | 380000 | Дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолияти равоншиносони касбӣ ба роҳ монда шуда, лаёқатмандии хонандагон бештар ошкор мегардад ва ба хонандагон ва падару модари онҳо пайваста ёрии педагогӣ- психологӣ расонида мешавад |
| 57. | Ташкили низоми омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ва мусоидат дар раванди касбинтихобкунии онҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Ба хонандагони боистеъдод барои интихоби дурусти касб ва худмуайянкунии касбӣ вобаста ба қобилиятҳои махсусашон ёрии педагогӣ - психологӣ расонида мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 58. | Ташкили самарабахши истироҳати таълимии хонандагони боистеъдод дар давраи таътил дар истироҳтагоҳҳои беруназшаҳрии кӯдакону наврасон | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 150000 | 180000 | 200000 | 530000 | Барои хонандагони боистеъдод дар давраи таътил истироҳатгоҳҳои таълимӣ ташкил гардида, бо ҷалби омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ барои омодагӣ ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ машғулиятҳои иловагӣ гузаронида мешавад |
| 4.ТАТБИҚИ ЧОРАБИНИҲОЕ, КИ БА ҲАЛЛИ ВАЗИФАҲОИ ДАР БАРНОМА ГУЗОШТАШУДА НИГАРОНИДА ШУДААНД | | | | | | | | |
| 59. | Омода намудани номгӯи чорабиниҳо дар доираи амалишавии Барнома | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100000 | 180000 | 100000 | 380000 | Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баргузории олимпиадаҳо, озмуну мусобиқаҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ таҳия ва тасдиқ мегардад |
| 60. | Ҳамасола баргузор намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | Ҳамасола дар ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардида, тарғибу ташвиқи хондани китоб дар байни наврасону ҷавонон ба роҳ монда шуда, истеъдодҳои нав дарёфт ва рушд меёбанд |
| 61. | Ҳамасола баргузор намудани озмуни «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» | 2021-2025 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | Ҳамасола озмуни «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» баргузор гардида, истеъдодҳои нодир дар самти санъат ва мусиқӣ дарёфт гардида, барои рушд ва дастгирии онҳо заминаҳои ташкилию ҳуқуқӣ муҳайё мегардад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 62. | Ҳамасола баргузор намудани озмуни «Илм фурӯғи маърифат» | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | Озмуни «Илм фурӯғи маърифат» ташкил ва баргузор гардида, барои омӯзиши донишҳои табиӣ-риёзӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуда, тафаккури дақиқи хонандагон ташаккул меёбад ва корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар байни ҷавонон зиёд мегардад |
| 63. | Баргузор намудани олимпиадаи муштараки фанҳои табиӣ-риёзӣ байни наврасону ҷавонон (дар якҷоягӣ аз 5 фанни таълимӣ математика, физика, химия, биология, технологияи итттилоотӣ) | 2022-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои таълимӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Олимпиадаи муштараки фанҳои табиӣ-риёзӣ байни наврасону ҷавонон баргузор гардида, дар олимпиада дониши иштирокчиён аз ҳамаи фанҳои табиӣ- риёзӣ (математика, физика, химия, биология, технологияи итттилоотӣ) санҷида шуда, тафаккури дақиқи наврасону ҷавонон ташаккул меёбад |
| 64. | Барои рушди тафаккури дақиқ ва хулосабарории мантиқии наврасону ҷавонон ташкил ва баргузор намудани олимпиада оид ба шоҳмот | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Байни наврасону ҷавонон олимпиада оид ба шоҳмот баргузор гардида, барои ташаккули тафаккури дақиқ мусоидат менамояд ва иштироки наврасону ҷавонон дар сабқатҳои байналмилалӣ зиёд мегардад |
| 65. | Зиёд кардани теъдоди иштироки хонандагони бостеъдод дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ, лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ | | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ | 2000000 | 2500000 | - | 4500000 | Хонандагони кишвар дар олимпиадаҳои байналмилалӣ иштирок намуда, дастовардҳои олимпӣ дар сатҳи байналмилалӣ зиёд мегардад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 66. | Ташкил ва баргузор намудани олимпиадаҳои фаннӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва сармоягузории хориҷӣ | | | | Барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот 30 олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ташкил ва баргузор карда мешаванд |
| 67. | Ташкил ва баргузории олимпиадаҳои байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 70000 | 120000 | 80000 | 2 70000 | Дар ҷумҳурӣ 5 олимпиадаи байналмилалӣ баргузор шуда, ҷалби хонандагони боистеъдод ба олимпиадаҳои байналмилалӣ зиёд мегардад ва дар сатҳи байналмилалӣ неруи зеҳнии кишвар муаррифӣ мегардад |
| 68. | Баргузор намудани олимпиадаҳо аз фанҳои табиӣ-риёзӣ, лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 150000 | 200000 | 180000 | 530000 | Дар ҷумҳурӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ 11 олимпиадаҳои фаннӣ, лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ баргузор гардида, тафаккури дақиқ, эҷодӣ, тадқиқотии хонандагон рушд ёфта, навоварӣ ва ихтироъкории хонандагон зиёд мегардад |
| 69. | Баргузор намудани олимпиада, озмун ва мусобиқаҳо дар самти санъат, варзиш ҷиҳати дарёфт ва рушди кӯдакон ва ҷавонони боистеъдод | | Вазорати маориф ва имли Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Олимпиада, озмун ва мусобиқаҳо дар самти санъат, варзиш баргузор мегардад ва шароити мусоид барои муайян намудани лаёқатмандии кӯдакон ва ҷавонон дар самтҳои гуногун муҳайё мегардад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 70. | Аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор намудани олимпиадаҳои фаннӣ, лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ | 2022-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | | Аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ олимпиадаҳои фаннӣ, лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баргузор гардида, пайдарҳамии ҳаракати олимпӣ таъмин мегардад |
| 71. | Баргузор намудани Озмуни "Хонандаи сол" | 2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | | | Озмуни "Хонандаи сол" дар 4 давр - мактабӣ, ноҳиявию шаҳрӣ, вилоятӣ (минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ баргузор шуда, истеъдодҳои нодир дарёфт ва рушд дода мешаванд |
| 72. | Таъсиси Озмуни "Беҳтарин муассисаи таълимии кор бо хонандагони боистеъдод" | 2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | 15000 | 20000 | 50000 | 85000 | Рейтинги муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони боистеъдод муайян гардида, имконияти интихоби муассисаи таълимӣ аз ҷониби хонандагони боистеъдод муҳайё мегардад |
| 73. | Баргузор намудани конференсияҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар самти дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод | 2022-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | 100000 | 250000 | | 350000 | Дар ҷумҳурӣ 3 конференсияҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ баргузор гардида, масъалаҳои роҳҳои ошкор намудани лаёқатмандӣ, дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод ва усулҳои кор бо онҳо баррасӣ гардида, табодули таҷриба байни давлатҳо ба роҳ монда мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 74. | Ташкил ва баргузории симпозиумҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо дар самти кор бо хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | 200000 | 240000 | 150000 | 590000 | Дар ҷумҳурӣ симпозиум, семинарҳои илмӣ-амалӣ, конференсияҳо, мизҳои мудаввар, дар масъалаҳои кор бо хонандагони боистеъдод баргузор гардида, маводи ин чорабиниҳо ба муассисаҳои таълимӣ ҳамчун маводи иловагӣ барои кор бо хонандагони боистеъдод ирсол карда мешавад |
| 5. ГУЗАРИШ БА НАМУДҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМӢ (ЭЛЕКТРОНӢ, ТЕСТӢ ВА ФОСИЛАВӢ) | | | | | | | | |
| 75. | Барои ташаккули донишҳои илмии наврасону ҷавонон таъсис додани телевизиони «Илм ва табиат» | 2021-2025 | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Телевизиони «Илм ва табиат» таъсис дода шуда, тавассути барномаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, равонию методӣ ва баргузории дарсҳои намунавии телевизионӣ бо иштироки омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ талаботи донишандӯзии наврасон ва ҷавонони боистеъдод таъмин карда шуда, донишҳои илмии онҳо рушд меёбад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 76. | Ташкили синфхонаҳои махсусгардонидашудаи дорои технологияҳои информатсионӣ, коммуникатсионӣ ва тахтаҳои электронӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | 50000 | 75000 | | 125000 | Дар муассисаҳои таълимӣ синфхонаҳои махсусгар-донидашудаи муҷаҳҳаз бо технологияҳои информатсионӣ, коммуникатсионӣ ва тахтаҳои электронӣ ташкил шуда, барои корҳои лоиҳакашӣ ва барномасозии хонандагони боистеъдод шароити мусоид муҳайё гардида, корҳои лоиҳавӣ ва ихтироъкорӣ зиёд мегардад |
| 77. | Таъмини дастрасии барномаҳои интернетӣ ва феҳристи адабиёти илмии муосир аз ҳар як фанни таълимӣ барои омодагӣ ба озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100000 | 180000 | 100000 | 380000 | Китоб, дастур ва маводи иловагии таълимии олимони дохил ва хориҷи кишвар ба хонандагони боистеъдод дастрас гардида, барои рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат менамояд |
| 78. | Таъсиси студияҳои сабти аудиоӣ ва видеоӣ, рӯзнома, маҷалла, пойгоҳи алоҳида бо заминаи маълумот ва ба роҳ мондани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор | 170000 | 220000 | 300000 | 690000 | Барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, дастовардҳои олимпии хонандагон, маводи олимпӣ шароит муҳайё гардида, ҳамзамон тавассути барномаҳои телевизионӣ истеъдодҳои нодир дарёфт ва муаррифӣ карда мешаванд |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 79. | Ташкили пойгоҳи маълумот дар самти кор бо кӯдакон ва ҷавонони боистеъдод ва дастовардҳои олимпии онҳо | 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | 150000 | 180000 | 200000 | 530000 | Манбаи ягонаи ҷумҳуриявии пойгоҳи маълумот дар самтҳои гуногуни лаёқатмандии кӯдакон ва ҷавонон ташкил шуда, дар он маводҳои таълимӣ, илмӣ-методӣ, психологӣ, тестӣ, олимпӣ, барномаҳои иловагии таълимӣ, маводҳои иттилоотӣ ва дастовардҳои олимпии хонандагони боистеъдод ҷой дода мешавад |
| 80. | Ташкил ва пурра гардонидани пойгоҳи ягонаи маълумот барои ҳар як хонанда ва ҷавонони боистеъдод бо назардошти дастовардҳои олимпӣ ва илмию тадқиқотии онҳо | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ | | | | Пойгоҳи ягонаи маълумот барои ҳар як хонанда ва ҷавони боистеъдод омода гардида, дастовардҳои олимпӣ ва илмию тадқиқотии онҳо ҷамъ оварда шуда, барои ташаккули минбаъдаи онҳо дар самти худмуайинкунии касбӣ заминаҳои мусоид омода мегардад |
| 81. | Ташкил ва гузаронидани бастҳои тахассусӣ дар истироҳатгоҳҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод аз рӯи самтҳои гуногуни илм, техника, санъат ва варзиш | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 50000 | 75000 | | 125000 | Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо истироҳатгоҳ-ҳои таълимӣ ташкил гардида, хонандагон аз рӯйи истеъдод ва малакаашон дар самтҳои илм, техника, санъат, варзиш ҷалб ва қобилиятҳои онҳо аз ҷониби мутахассисони касбӣ рушд дода мешавад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 82. | Ташкили марказҳои тестӣ дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ташкили низоми таҳсилоти фосилавӣ, таҳияи маводи таълими аниматсионӣ ва баргузории олимпиадаҳои фосилавӣ ва арзёбии дониши хонандагон | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100000 | 180000 | 100000 | 380000 | Марказҳои тестӣ ташкил шуда, фаъолияти он барои баргузории олимпиадаҳои фосилавӣ, арзёбии дониши хонандагон, татбиқи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, системаи иттилоотии иловагӣ аз ҷумла, махзани маълумоти барномаҳои иловагии таълимӣ, маводи олимпӣ ва захираҳои олимпӣ ташкил карда мешавад |
| 83. | Ташкил ва такмили фаъолияти китобхонаҳои электронии муассисаҳои таълимӣ ва мунтазам ғанӣ гардонидани фонди китобхонаҳо бо дар назар доштани адабиёти илмӣ-методии дохил ва хориҷи кишвар | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби буҷети муассисаҳои таълимӣ | | | | Китобхонаҳои электронӣ ташкил ва бо адабиёти бадеӣ, илмӣ-методӣ, психологӣ, маҷмӯи мисолу масъалаҳои олимпӣ, навовариҳои илму техника таъмин гашта, заминаи илмӣ- методии муассисаҳои таълимӣ таҳким меёбад ва талаботи хонандагони боистеъдод ҷиҳати такмили донишашон қонеъ гардонида мешавад |
| 84. | Таъсиси шабакаи интернетии байниидоравӣ барои рушди ҳаракати олимпӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Шабакаи интернетии байниидоравии барои 72 марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ таъсис ёфта, ҳаракати олимпӣ рушд меёбад |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 85. | Таҳияи барнома ва маводи таълимии электронӣ аз фанҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20000 | 35000 | | 55000 | Барои омодагии хонандагон ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 13 барномаи таълимӣ ва 200 маводи электронии таълимӣ омода карда мешавад |
| 86. | Таҳияи маводҳои электронии таълимӣ дар самтҳои гуногуни лаёқатмандӣ барои кӯдакони боистеъдоди имконияти маҳдуддошта | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | | | | Ба кӯдакони имконияти маҳдудошта маводҳои таълимии мазмуни мураккабдошта, дастрас гашта, қобилиятҳои махсуси онҳо рушд дода мешавад ва неруҳои зеҳнӣ ва илмӣ бештар кашф мегарданд |
| 87. | Таҳияи дарсҳои намунавии телевизионӣ аз фанҳои таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва синфҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 350000 | 300000 | 300000 | 950000 | Бо ҷалби омӯзгорони дорои сатҳи баланди касбӣ аз руйи барномаҳои мураккаби таълимӣ 1500 дарси телевизионӣ таҳия карда мешавад |
| 88. | Зиёд намудани озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва фосилавӣ дар доираи Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» | 2021-2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор | 150000 | 180000 | | 330000 | Баргузории чорабиниҳо барои дарёфти кӯдакони боистеъдод афзун гардида, иштироки зиёда аз 14000 хонандагони боистеъдод дар озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ таъмин мегардад. Низоми дарёфт ва рушди кӯдакони боистеъдод рушд ёфта, фарогирии хонандагони боистеъдод ба сабқатҳои илмӣ ва корҳои илмию тадқиқотӣ зиёд мегардад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ:** | **7980000** | **9175000** | **4925000** | **22080000** | |